# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ дар бораи фаъолияти тахассуснокӣ ва илмии унвонҷӯй Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи "Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт)**

Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович соли 2011 факултети "Идора ва сохтмони нақлётӣ"–и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимиро бо ихтисоси "Пулҳо ва нақбҳои нақлиётӣ" хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатии худро дар вазифаҳои ёрдамчии коменданти хобгоҳи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, сардори шуъбаи кор бо ҷавонони Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе, Муовини декани факултети «Технологияи иттилоотӣ ва иқтисодиёт»-и Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе, декани факултети «Технологияи хизматрасонӣ»-и Коллеҷи Технлогии шаҳри Душанбе, муовини директори Коллеҷи Технлогии шаҳри Душанбе оғоз намудааст. Ҳоло дар вазифаи мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе кор мекунад.

Аз моҳи ноябри соли 2015 то моҳи ноябри соли 2020 дар аспирантураи таҳсилоти ғоибонаи Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ таҳсил намуда, дар давраи муқарраршудаи таҳсил барномаи аспирантурарo бомуваффақият аз худ намуд ва диссертатсияи номзадиашро дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба муҳокима пешниҳод намуд.

Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович соҳаи таваҷҷуҳи илмии худро ба омӯзиши масъалаҳои баланд бардоштани механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Тоҷикистон ва проблемаҳои такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ бо назардошти таъсири он ба рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигарондааст.

Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович усулҳои муосири таҳлил ва таҳқиқоти иқтисодиро медонад ва онҳоро дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ татбиқ кардааст. 8 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 8,3 ҷ.ч., аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшудаи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар нашрияҳои ватанӣ ва давлатҳои хориҷӣ нашр карда, инчунин таҳқиқоти диссертатсиониашро тайёр кардааст. Унвонҷӯй худро ҳамчун таҳқиқотчии тахассуснок, бо тайёрии баланди илмии назариявии доштааш дар соҳаи такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори наклиётӣ ва донистани методҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ, методология ва методикаи гузаронидани таҳқиқоти кори илмиро нишон дода тавонист.

Ҳамчун таҳқиқотчӣ хизмати муаллифро дар интихоби дурусти мавзуи муҳими таҳқиқотии илмӣ эътироф кардан мумкин аст. Дар навбати худ хуб донистани проблемаҳои таҳқиқот ба муаллиф имконият дод, ки дар ҷараёни кори таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳолати механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори наклиётиро таҳлил намуда роҳҳои такмилдиҳии кори соҳаро дар мисоли инфрасохтори наклиётии Тоҷикистон асоснок намояд.

Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович бисёр маводҳо ва маълумотҳои омориро оиди мавзуи таҳқиқотиаш ҷамъ оварда кор кардааст. Дар натиҷа муаллиф таҳқиқоти илмии муҳим ва саривақтиро иҷро карда кори диссертатсиониро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод намуд. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ ҳангоми ҳаллӣ масъалаҳои иқтисодии мураккаб мустақилият ва боварии комил доштанро нишон дод. Ин ба муаллиф имкон дод, ки бо хислатҳои баланди меҳнатдӯстӣ ва эҷодкории доштааш натиҷаҳои илмии шахсиро соҳиб шавад, ки навигариҳои илмӣ доранд.

Дар рафти таҳқиқоти кори диссертатсияи илмӣ Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович ба нишондодҳои роҳбари илмӣ ва гуфтаҳои дигар мутахассисон муносибати бодиққат карда мувофиқан натиҷаҳои баланди илмиро соҳиб гаштааст. Вай кушиш кард, ки моҳияти масъалаҳои мавзуи таҳқиқотиро пурмаъно кушояд ва аз натиҷаҳои гирифта чандин маротиба дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва форумҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад кардааст.

Барои иштироки фаъолонаи меҳнатӣ ва корҳои ҷамъиятӣ Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович бо Сипосномаи иттифоқи касабаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ва Ифтихорномаи иттифоқи касабаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017, аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 қадршиносӣ карда шудааст.

Дар навиштани кори диссертатсионӣ Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович фаъолияти мустақилона ва муносибати эҷодкорона нишон дода тавонист. Кори диссертатсионии навишта тайёр кардаи муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ кори илмӣ-таҳқиқотии аз ҷиҳати мантиқӣ анҷомёфта буда, дорои равишҳои нави омӯзиши назария ва методологияи такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки дорои навигариҳои илмӣ мебошад.

Бо назардошти навиштаҳои боло ҳисоб кардан мумкин аст, ки Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович мақсад ва вазифаҳои дар навиштани кори диссертатсионӣ дар наздаш гузоштаро бомуваффақият ҳал кардааст. Вай дар кори диссертатсионӣ муносибатҳои нави иқтисодиро оиди асоснок кардани такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст.

Сохтор, мазмун ва сифати кори диссертатсионӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ пурра ҷавобгӯй аст ва унвонҷӯй Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, профессори кафедраи**
**маркетинги соҳавӣ ва**
**байналмилалии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

20. 09. 2024.

**Адрес: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев, 63/3, ДТТ.**
**Тел.: 234-09-07, E-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфӣ-ро тасдиқ мекунам**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва назорати ДТТ, н.и.с.** **Раҳматулло Нусратулло**